**Ф А Р М О И Ш И**

**ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «12» 10 соли 2016 № 3837 ш. Душанбе

Дар бораи муқаррар кардани шумораи имконпазири ҳадди аксари бал аз ҳар субтести қисми (компоненти) А (имтиҳони умумӣ) ва тасдиқи Феҳристи ихтисосҳо вобаста аз гурӯҳи ихтисосҳо (кластерҳо) ва субтестҳои онҳо, шумораи имконпазири ҳадди аксари бал аз ҳар субтести қисми (компоненти) Б (имтиҳони ихтисос) дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва бандҳои 5 ва 134 Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2015, № 495 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Шумораи имконпазири ҳадди аксари бал аз ҳар субтести қисми (компоненти) А (имтиҳони умумӣ) ба тартиби зерин муқаррар карда шавад:
   - аз субтести А1 (забони тоҷикӣ) 75 бал;
   - аз субтести А2 (математика) 50 бал;
   - аз субтести А3 (таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ) 75 бал.
2. Феҳристи ихтисосҳо вобаста аз гурӯҳи ихтисосҳо (кластерҳо) ва субтестҳои онҳо, шумораи имконпазири ҳадди аксари бал аз ҳар субтести қисми (компоненти) Б (имтиҳони ихтисос) дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
3. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) бақайдгирии давлатии фармоиши мазкур дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интишори расмии онро таъмин намояд.
4. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
5. Фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 2016, № 2147 «Дар бораи тасдиқи «Феҳристи ихтисосҳо бо дарназардошти гурӯҳи ихтисосҳо (кластерҳо) ва субтестҳои онҳо, шумораи имконпазири ҳадди аксари бал аз ҳар субтести қисми (компоненти) Б (имтиҳони ихтисос) дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба

муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Б. Одиназода гузошта шавад.

Вазир Нуриддин Саид